# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ). Душанбе, 2026.**

Дар даврони истиқлолият ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистон дар шароити мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ амалӣ гардид. Дар ин давра аз як тараф, ҷанги шаҳрвандӣ, гузариш ба иқтисоди бозорӣ, тағйири сохтори идоракунии давлатӣ бошад, аз тарафи дигар мутобиқ намудани низоми таълим ба талаботи нави ҷомеа, масъалаи таҷдиди куллии муассисаҳои таълимиро ба миён овард. Ислоҳоти низоми маориф маҳз дар ҳамин давра марҳилаҳои муҳимми тағйиротро аз муассисаҳои томактабӣ то таҳсилоти олӣ ва касбӣ амалӣ карда шуд.

Диссертатсияи доктории Каримзода Мусо Бобишо, ки давраи сисолаи (1991–2021) ислоҳоти соҳаи маорифро фаро мегирад, як кори комилан саривақтӣ ва мубрам аст. Муаллиф тавонистааст, ки дар ҷараёни ислоҳот фаъолияти шаклҳои нави муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои ғайридавлатӣ, литсейҳо, гимназияҳо, мактабҳои хусусӣ ва ҷорӣ намудани низоми таълими салоҳиятнокӣ ва низоми кредитии таҳсилот, мазмуну мундариҷаи таълим, сифати таҳсил, усулҳои идоракунӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисосро мавриди таҳлили амиқ қарор диҳад.

Дар рисолаи Мусо Каримзода объекти таҳқиқот омӯзиши таърихи ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол вобаста ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар рисола навоварии илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар илми таърихнигории ватанӣ бори аввал сиёсати давлат дар соҳаи маориф ба таври маҷмӯи ва марҳала ба марҳала омӯхта шудааст.

Сохтори диссертатсия ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ҷавобгӯ буда, он аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳамаи паҳлуҳои мавзуъро равшан месозад.

Дар муқаддима мубрамият, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои он асоснок карда шуда асосҳои назариявӣ ва методии тадқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он муайян шудааст.

Дар боби якум муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои далелнок , нақши бунёдии асарҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ислоҳоти соҳаи маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлол инъикос намудааст.

Дар бобҳои дуюм ва сеюм муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумиро таҳлил намуда, раванди гузариши мактабҳоро ба низоми таълими салоҳиятнокӣ ва пайдоиши гимназияву литсейҳоро ҳамчун падидаи нави замони Истиқлол арзёбӣ намудааст.

Дар бобҳои чорум ва панҷум, ки низоми таҳсилоти касбӣ (ибтидоӣ, миёна ва олӣ)-ро дар бар мегиранд, масъалаи раванди тайёр кардани кадрҳо дар равияҳои гуногун (омӯзгорӣ, тиббӣ, техникӣ ва ғайра) ва гузариши пурра ба низоми кредитии таҳсилот дар донишгоҳҳо ба таври васеъ зери таҳлил қарор дода шудааст.

Ҳар як боб ва зербоби диссертатсия бо хулосаи мукаммал ҷамъбаст гардида, дар иртибот тавсияҳои муфид низ пешниҳод гардидааст.

Бо дарназардошти муҳиммияти таҳқиқоти мукаммали таърихӣ, ки тамоми зинаҳои низоми маорифи Тоҷикистонро дар давраи солҳои 1991–2021 ба таври комплексӣ фаро мегирад, мавзуи диссертатсия дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, корҳои илмию тадқиқотӣ, омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ ва такмили сиёсати давлатии маориф, барои такмили идомаи ислоҳоти амалии ин соҳа истифода шаванд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Каримзода Мусо тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Хулоса, автореферат мазмуну моҳияти диссертатсияро пурра ва дақиқ инъикос мекунад. Кор дар сатҳи баланди илмию методологӣ иҷро шудааст. Диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо ба талаботи Низомномаи комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. Таърихи ватанӣ) мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои таърих, ноиби ректор
оид ба таълими Донишкадаи
исломии Тоҷикистон ба номи
Имоми Аъзам-Абӯҳанифа Қурбонов Бахром Раҳмонович

Имзои Б.Р. Қурбоновро
тасдиқ мекунам:
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва таъмини
ҳуқуқии Донишкадаи исломии Тоҷикистон
ба номи Имоми Аъзам-Абӯҳанифа Ҷомадов Х.
«11» 06 с.2026